**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», доктори илмҳои филология, профессор
_____________ Низомӣ М.З.
«_7_» марти соли 2024.

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», ба диссертатсияи номзадии Умаров Зуҳриддин Тоштемирович «Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Воситаҳои ахбори омма ба хусус матбуоти даврӣ дар ҳама давру замон ҳамчун воситаи иттилоърасон дар ҳаёти мардум нақши муҳимро бозидааст. Аз оғози ташкилёбии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон нашри рӯзномаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва узбекӣ барои миллатҳое, ки дар Тоҷикистон ҳаёт басар мебурданд ба роҳ монда шуданд. Нахустин рӯзномаи ӯзбекзабони Тоҷикистони Шуравӣ бо номи «Қизил Тожикистон» («Тоҷикистони сурх») моҳи феврали соли 1929 дар шаҳри Душанбе ба нашр расидааст.

Вақте, ки 9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон Истиқлолияти давлатӣ ба даст овард, дар баробари рӯзномаҳои давлатии ӯзбекзабон намунаҳои аввалини нашрияҳои ғайридавлатии ӯзбекзабон дар ҷумҳурӣ таъсис ёфтанд. Ҳамаи нашрияҳои ӯзбекзабони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як мақсад тарғиби сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар байни мардуми ӯзбекзабон ва мустаҳкаму пойдор намудани дӯстии байни миллатҳои тоҷику ӯзбек таъсис дода шудаанд. Вале то имрӯз пайдоишу ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон ба риштаи

таҳқиқ кашида нашудаанд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки интихоби мавзуи диссертатсияи Умаров Зуҳриддин Тоштемирович таҳти унвони «Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон» барои таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ муҳиму мубрам буда, натиҷаҳои он барои илму амали рӯзноманигорӣ аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Умаров Зуҳриддин Тоштемирович дар мавзуи «Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Мубрамии мавзуъ, масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, масоили мавриди таҳқиқ, навгониҳо ва сарчашмаҳои таҳқиқ, аҳаммияти назарию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю натиҷагириҳои диссертант, дар маҷмуъ, саҳми шахсии довталабро нишон медиҳанд. Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ вобаста ба мавзуи пажӯҳиш, таҳлилу баҳсҳо ва пешниҳоди андешаҳои дигар, нашри мақолаю маърӯзаҳои илмӣ дар бобати мавзуи диссертатсия низ саҳми шахсии муҳаққиқ ба ҳисоб меравад. Муносибати инфиродии назарӣ ва методологии диссертант дар ҳалли як қатор масъалаҳои марбут ба пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои ӯзбекзабони Тоҷикистон дар таърихи журналистикаи тоҷик мусоидат менамояд. Муаллифи диссертатсия дар танзими равишҳои илмии ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия ба миён гузошташуда аз усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ ва шеваҳои таҳқиқи сохторӣ истифода намудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии**

**дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал таърихи таъсис ва шаклгирии нашрияҳои ӯзбекзабон дар Тоҷикистон дар доираи кори диссертатсионӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Ҳамзамон, омилҳо, заминаҳо, мақсаду ҳадафҳои ташкили нашрияҳои ӯзбекзабон, хусусиятҳо, самти фаъолият, муҳтавои мавзуиву мундариҷавии нашрияҳо, нақш ва мақоми онҳо дар расонидани иттилоот ва таъмини амнияти иттилоотӣ таҳқиқ шудааст.

**Аҳаммияти назарии** кори таҳқиқии Умаров Зуҳриддин Тоштемирович бо он асоснок мегардад, ки дар диссертатсия оид ба нашрияҳои давлатӣ ва ғайридавлатии ӯзбекзабони Тоҷикистон маълумоти нисбатан васеъ оварда шудааст. Ин метавонад, дар оянда барои таҳқиқи минбаъдаи нашрияҳои ӯзбекзабони Тоҷикистон замина гузорад, зеро нашрияҳои ӯзбекзабони кишвар дар қатори матбуоти тоҷикиву русизабон дар ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии давлат саҳми худро гузошта истодааст. Ба хулосаҳои муаллифи диссертатсия зимни таҳқиқи масъалаҳои ҳамгун дар илмҳои публитсистикашиносӣ, журналистика ва ғайра метавон такя кард.

**Аҳаммияти амалии** диссертатсияи мазкур дар он зоҳир меёбад, ки маводи фароҳамомада, хулоса ва натиҷагириҳои илмии диссертант дар ҷараёни таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаи публитсистика ва журналистикаи тоҷик метавон истифода кард.

Сохтори диссертатсия ба низоми муайяни илмӣ мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, бо ҳам алоқамандии мантиқӣ ва шаклӣ доранд.

Боби аввали дисертатсия – «Заминаҳои пайдоиши рӯзномаҳои ӯзбек-забон дар Тоҷикистон» аз ду фасл – «Таъсиси нахустин нашрияҳои ӯзбекӣ

ва тоҷикӣ-ӯзбекӣ» ва ««Қизил Тожикистон» – аввалин рӯзнома бо забони ӯзбекӣ» иборат мебошад. Дар он дар бораи пайдоиш ва ташаккули аввалин рӯзномаҳо бо забони ӯзбекӣ дар Тоҷикистон маълумотҳои дақиқ такя ба сарчашмаҳои муътамад овардашуда, марҳилаҳои рушди онҳо нишон дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Истиқлолият ва рушди нашрияҳои даврии ӯзбекзабон» ном дошта, ба се фасл ҷудо шудааст. Дар фасли якуми боби дуюм «Таҳаввули рӯзномаҳои вилоятии ӯзбекзабон дар замони муосир» заминаҳои пайдоиш ва вазъи кунунии рӯзномаҳои «Суғд ҳақиқати» ва «Дӯстлик» таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст.

Дар фасли дуюм ва сеюми боби дуюм «Пайдоиш ва инкишофи нашрияҳои ғайридавлатии ӯзбекзабон» ва ««Замондош» – намунаи нашрияҳои ӯзбекзабони замони Истиқлол» пайдоиш ва ташаккули рӯзномаву маҷаллаҳои хусусии ӯзбекзабон баъди соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва ба таҳқиқ кашида шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия «Мавқеи жанрҳои публитсистӣ дар нашрияҳои даврии ӯзбекзабон», ки аз ду фасл «Вижагиҳои жанрӣ ва мавзуӣ» ва «Инъикоси мавзуъҳои мубрами рӯз дар қолаби жанрҳои публитсистӣ» унвонгузорӣ шудааст, масъалаҳои истифодаву мавқеи жанрҳои публитсистӣ ва инъикоси мавзуъҳои муҳими рӯз дар нашрияҳои даврии ӯзбекзабон пажӯҳиш карда шудааст.

Диссертант баъди омӯзишу таҳлил ва таҳқиқ ба хулосаи дуруст омада, иброз медорад, ки нашрияҳои ӯзбекзабони Тоҷикистон новобаста ба шакли моликияту таъиноташон дар низоми матбуоти кишвар накш ва мақоми худро доро мебошад. Омил ва заминаҳои пайдоиши нашрияҳои ӯзбекзабон дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба таъмини мардуми ӯзбекзабон бо ахбор, бо ин васила тарғиби сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон, муттаҳид сохтани мардум ва мустаҳкам намудани дӯстиву рафоқати тоҷикону ӯзбекон ва бо ин восита саҳм гузоштан дар пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пойдор

намудани истиқлолият ва ваҳдати байни миллатҳои сокини кишвар мебошад.

Дар диссертатсия баробари дастоварҳои илмию таҳқиқотӣ баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад шуд:

1. Агар фасли сеюми боби дуюм ««Замондош» – намунаи нашрияҳои ӯзбекзабони замони Истиқлол» -ро дар фасли дуюми боби дуюм «Пайдоиш ва инкишофи нашрияҳои ғайридавлатии ӯзбекзабон» ҳамроҳ карда мешуд, мантиқан дуруст мебуд ва ҳоҷати фасли сеюм набуд. Зеро нашрияҳои ғайридавлатии ӯзбекзабон асосан дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд;

2. Дар фасли якуми боби сеюм «Вижагиҳои жанрӣ ва мавзуӣ» истифодаи жанрҳои журналистика дар нашрияҳои даврии ӯзбекзабон ба таҳлил кашида шудааст. Вале таҳлил асосан бо овардани номи мавод бе матни он ба амал бароварда шудаанд. Ба истисноии як эссе, як памфлет ва як фелетон, ки матни он ҳам хеле кутоҳ иқтибос оварда шудааст. Хуб мешуд, ки баррасии истифодаи жанрҳои журналистика дар нашрияҳои даврии ӯзбекзабон бо овардани матнҳо мутобиқати онҳоро ба жанрҳои матбуотӣ ба таҳлил кашида мешуданд;

3. Ба андешаи мо ҳарчанд боби сеюм «Мавқеи жанрҳои публитсистӣ дар нашрияҳои даврии ӯзбекзабон» ба масъалаи жанрӣ бахшида шуда бошад ҳам, вале таносубан ба таҳлили пайдоиш бештар ва ба муайян намудани хусусиятҳои жанрӣ кам аҳамият дода шудааст;

4. Дар таҳияи диссертатсия услуби журналистӣ нисбат ба услуби илмӣ бартарият ёфтаст, ки он хоси таҳқиқоти илмӣ нест;

5. Дар диссертатсия ғалатҳои грамматикӣ, услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳ кардани он ба манфиати кор хоҳад буд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро

бомуваффақият ба иҷро расонидааст. Диссертатсия таҳқиқоти мустақил буда, дорои аҳамияти назариву амалӣ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Умаров Зуҳриддин Тоштемирович дар мавзуи «Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад. Инчунин муҳаққиқ лаёқати хуби илмӣ дошта, фаъолият ва осори илмии ӯ бевосита ба самти публитсистикашиносӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва 13 мақолаҳои илмии ба чоп расонидаи Умаров Зуҳриддин Тоштемирович, ки 5-тои онро мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Хулоса,** диссертатсияи Умаров Зуҳриддин Тоштемирович бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии Муассисаи давлатии

таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов Зулфиддин омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур аз 6-уми марти соли 2024, суратҷаласаи №1 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 7 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филология, дотсент,
мудири кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии МДТ
«Донишкадаи давлатии фарҳанг ва
санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода» Галимова Моҳинур

**Эксперт:**
доктори илмҳои филология, профессори
кафедраи журналистикаи телевизион
ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов Зулфиддин
6 марти соли 2024.

**Котиби илмии ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» Мусоев Муҳаммад

**Имзоҳои Галимова М., Муъминҷонов З. ва Мусоев М. – ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳои МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» Ҳамидова Зарина
7 марти соли 2024

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 73а
Тел.: (+992 37) 231-18-27
E-mail: tajartins@andex.com.
Сомонаи расмӣ: www.ddst.tj